Тақриз

ба афтореферати илмии Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи: «Таъсири bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ», ки барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6Д. КОА-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дифои дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ)

Рисолаи илмии Исвалиев Сино Мирзоназарович ба ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ) мутобиқат менамояд.

Мубрамияти мавзуъ дар он асос меёбад, бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ омӯхта шудааст.

Аҳаммияти ин мавзуъ дар он аст, ки бемории сили чорво дар шакли энзоотӣ дар хоҷагиҳои чорводорӣ вомехӯрад ва дар мусбат арзёбӣ шудани ташхиси бодигармии чорво нисбат ба туберкулин нақши микобактерияҳои ғайрисилӣ калон аст. Ба ҳамин хотир, истифодаи штаммҳои Bacillus subtilis дар паст намудани фаъолнокии бактерияҳои ғайрисилӣ ва кам намудани миқдори ҳодисаҳои ғайрихоси бодигармӣ мусоидат менамояд.

Исвалиев Сино Мирзоназарович дар таҳқиқоти худ, бори нахуст оид ба паҳншавӣ, вазъи эпизоотӣ ва эпидемӣ, мукаммалгардонии ташхиси тафриқавӣ, истифодаи пробиотикҳо барои фурӯ нишонидани аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ ва таҳияи нақшаҳои самараноки ташхис ва чораҳои мубориза бо бемории сил дар байни ҳайвонот ва одамонор омӯхтааст.

Ҳамин тариқ, дар хоҷагиҳои мусоид, ки дар онҳо сенсибилизатсияи ҳайвонот бо микобактерияҳои ғайрисилӣ муқаррар карда шудааст бо мақсади амалӣ намудани тадбирҳои зиддиэпизоотӣ ва пешгирии паҳншавии бемори масъалаи мубрам мебошад.

Хулосаҳо рисола асоснок буда, мантиқан аз натиҷаҳои тадқиқот бармеоянд. Онҳо мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, вазифаҳои пешниҳодшударо ҳал менамоянд.

Тадқиқоти мазкур омӯзиши таъсири Bacillus subtilis-ро ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ ба таври ҳамаҷониба дар бар мегирад, ки аз аҳамияти баланди илмии он шаҳодат медиҳад.

Натиҷаҳои тадқиқот бо интишороти бешумор инъикос ёфтаанд ва ҳамчунин метавонанд ба сифати маводди методию таълимӣ барои аспирантону унвонҷӯён, докторантон (PhD) ва донишҷӯёни факултаҳои ветеринарӣ ва биологӣ истифода шаванд.

Тадқиқоти гузаронидашуда аҳамияти бузурги илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад ва татбиқи васеи натиҷаҳои он ба рушди

самараноки соҳаи тибби ветеринарӣ ва дар маҷмуъ соҳаи чорводорӣ ва ҳифзи саломатии аҳолии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Автореферати баррасӣшуда як кори илмии ба анҷомрасида мебошанд, ки дар худ натиҷаҳои илмию амалии ба дастовардаи муаллифро дар бар мегиранд.

Тадқиқот ҳамаи фасли зарурӣ ва бардхурдҳои лозимиро дар бар гирифта, мақсади муайяне доранд ва ба таври мантиқӣ ва пайдарпай ба фасли навбатӣ гузашта, ба кори илмии ба анҷомрасида шакл медиҳанд.

Хулоса. Кори илмии Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи "Таъсири bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ ва масъуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст, аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ иҷро гардида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Низомномаи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, ва муаллиф ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда сазовор аст.

Мудири кафедраи беҳдотшти
ветеринарии ДАТ ба номи Ширинхоҷ
Шоҳтемур, номзади илмҳои ветеринарӣ,
дотсент Иматшоев И.Х.

Суроға:734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146,
Тел: +992917119104, **Email:** imatshoyev66@mail.ru

Имзои Иматшоев И.Х. - ро тасдиқ мекунам,
Сардори шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии
ДАТ ба номи Ширинхоҷ Шоҳтемур Қурбонзода А.

25 июни соли 2026

Суроғаи муассиса: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146,
Тел: (992) 2243739, **Email:** rectortau31@mail.ru